**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**аз «05» 07 соли 2024 № 243/м ш. Душанбе**

*Дар бораи азнавбақайдгирии маҷаллаи*
*илмӣ дар Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои)*
*илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Мутобиқи сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Маҷаллаи илмии «Илм ва инноватсия» (бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ISSN 2664-1534) дар Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба қайд гирифта шавад.
2. Дар маҷаллаи мазкур нашри маводи илмӣ аз рӯйи самти илмҳои 05.00.00 – Илмҳои техникӣ ва 25.00.00 – Илмҳои заминшиносӣ иҷозат дода шавад.
3. И.в. мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳмадов А.Ш.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия чораҷӯӣ намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 июли соли 2024, №7

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ